*«Маориф ва маданият»,*
*16 июли 1963, с. 3*

## Дар хусуси насри мусаҷҷаъи тоҷик

Дар назму насри тоҷик барои равшану мӯъҷаз, таъсирбахшу аёнӣ ифода намудани ин ё он фикр як қатор санъатҳои бадеӣ мавҷуданд. Ин санъатҳои бадеӣ аз ҷиҳати мавқеи истифодабарӣ ду хеланд; қисме - монанди зулқофиятайн, акс, мураддаф ва ғ. танҳо хоси назм буда, гурӯҳи дигар - мисли ташбеҳ, ташхис, киноя... ҳам дар назму ҳам дар наср ба кор мераванд.

Санъати саҷъ аз қабили гурӯҳи дувум аст, яъне, вай ҳам дар назм (назми мусаҷҷаъ) ва ҳам дар наср (насри мусаҷҷаъ) кор фармуда мешавад.

Мо ҳоло танҳо дар хусуси насри мусаҷҷаъ таваққуф мекунем.

Саҷъ - аз санъатҳои қадими бадеӣ буда, барои зебоии сухан ва пеш аз ҳама барои мӯъҷаз, таъсирнок ифодасозии фикр, маънӣ хизмат мекунад.

Чунон ки муаллифони «Ғиёс-ул-луғот», «Фарҳанги Амид», «Фарҳанги Онанд Роҷ», «Ҳафт қулзум» қайд кардаанд, калимаи «саҷъ» дорои ду маънӣ - маъноҳои луғавӣ ва истилоҳӣ мебошад.

Маънои луғавии «саҷъ» - овози паррандаи хушовозе ба мисли қумрист, ки ҳар лаҳзаи он овоз ба лаҳзаи дигаре монанд аст, гуё як лаҳн такрор меёбад.

Маънои истилоҳии «саҷъ» - баробарӣ, монандӣ ва ҳамоҳангии калимаҳои охири ду ва ё зиёда фикра (ибора) мебошад.

Насри мусаҷҷаи тоҷик се намуд дорад; мутавозӣ, мутарраф, мутавозин.

1. **Мутавозӣ** - чунон намуди саҷъ аст, ки дар он калимаҳои охири ду ва ё зиёда ибора дар рави; вазну миқдори ҳарф мувофиқи ҳамдигар мебошанд.

Мисол:

а) «Асб **тохта** ва гӯй **бохта**» (Рашиди Ватвот, «Ҳадоиқ-ус-сеҳр фӣ дақоиқ-уш-шеър»).

б) «...Агар шумо сад дона ситораро ба болои сари худ дар осмон дида тавонед, дар ин шаби **торик** ба даруни ин ҷӯйчаи **борик** чандсадто аз онҳоро дурахшон мебинед... (Айнӣ, «Дохунда»).

2. **Саҷъи мутарраф.** Агар калимаҳои охири ибораҳо дар вазн мухолифу дар равӣ мувофиқ бошанд, онро саҷъи мутарраф меноманд.

Масалан:

а) «Мебинед; ҳама хона **ороста** ва саҳну саро аз гарду ғубор **пироста**, обу таом **тайёр** ва сарви ноз дар **канор**, модари зан ҳамчу ходиме **хидматгор**» (Аҳмади Дониш).

б) «Ман барои ту, чашму абрӯи **сиёҳи** ту, барои ин рӯи чу **моҳи** ту, барои ин дасту бозуи **тавонои** ту, барои ин суханҳои қатъии **буррои** ту тайёр ҳастам, ки худамро дар деги **ҷӯшон**, дар оташи **сӯзон**, дар кӯраи **тафсон**, дар дарёи **хурӯшон** андозам» (Айнӣ, «Ғуломон»).

3. **Саҷъи мутавозин**. Дар истилоҳи намуди сейӯми саҷъ ихтилофи хурде ҷой дорад: онро Қабул Муҳаммад (дар «Ҳафт Қулзум») - «мувозана», Муҳаммад Ғиёсиддин (дар «Ғиёс-ул-луғот») - «мутавозон» ва Умари Родуёнӣ («Тарҷумон-ул-балоғат»), Рашиди Ватвот («Ҳадоиқ-ус-сеҳр...»), Ҳасан Амид («Фарҳанги Амид), Муҳаммад Шод («Фарҳанги Онанд Роҷ») - «мутавозин» гуфтаанд. Ақилаи охир эътимоднок аст.

Агар калимаҳои охири ибораҳо баробарвазну, вале дар равӣ гуногун (яъне, беқофия) бошанд, онро саҷъи мутавозин мегӯянд.

Бояд гуфт, ки баъзе муҳаққиқон, аз ҷумла Рашиди Ватвот, ин намуди саҷъро танҳо ба назм хос дониста, дар наср кор фармуда шудани онро инкор мекунанд.

Дар ҳақиқат, саҷъи мутавозин бештар дар назм кор фармуда мешавад ва аксари шоирони сохибистеъдод онро истифода кардаанд.

Вале ин намунаҳои насри классикӣ ва советии тоҷик нишон медиҳанд, ки саҷъи мутавозин дар наср низ кор фармуда мешудааст. Ин фикрро чанд мисоли зерин собит месозад;

а) «Ҳамчунин фасле ба фасле ҳамеандохт, то чаҳор сол бар ин баромад, зеро ки самими давлати сомониён буд ва чаҳон обод ва мулк бехоиму лашкар фармонбардор ва рӯзгор **мусоид** ва бахт **мувофиқ**» (Низомии Арӯзӣ, «Чаҳор мақола»).

б) "Талҳак боз баробар **рафт** ва ҳамчунон савол **кард**» (Убайди Зоконӣ. "Рисолаи Дилкушо").

в) «Дар ашхоси мамлакат низ ҳамин муроот воҷиб аст. Яъне,duздонро - ба буридани **даст**, кушандагонро - ба **қатл**, ушшор ва уммоли золимро - ба азл ва **нафӣ**, руасои тоифаро - ба ҳабс ва **қайд**» (Аҳмади Дониш. «Наводир-ул-вақоеъ»).

г) «Бозор паси сар хорон-хорон пеши арбоб рафта воқеаро ба вай **гуфт** ва аз вай маслиҳат **ҷуст**» (Айнӣ, «Дохунда»).

Чунон ки аз порчаҳои овардашуда равшан гашт, аксар вақт мувофиқи талаби фикр намудҳои гуногуни саҷъ ва дигар санъатҳои бадеӣ ташбеҳ, такрор, тавсиф... якҷоя, дар алоқамандӣ кор фармуда мешаванд.

Саволе ба миён меояд, ки андозаи истеъмоли хелҳои санъати саҷъ дар асарҳо чӣ гуна аст? Мутолиаи асарҳои бадеии тоҷик нишон медихад, ки саҷъи мутарраф нисбатан бештар, саҷъи мутавозӣ камтар ва саҷъи мутавозин хеле кам кор фармуда мешавад. Албатта, ин тафовут сабабҳои реалие дорад, ки он ба саҷъҳо вобаста мебошад.

Дараҷаи истеъмоли саҷъҳо ҷуз сойири санъатҳои бадеӣ, пеш аз ҳама ба истеъдод, маҳорат, захираи луғавӣ, услуби нависанда ва ғояву мундариҷаи асар алоқаманд аст. Адибони забардасти

замонҳои гуногун - Саъдиву Зоконӣ, Восифиву Кошифӣ, Шоҳину Дониш ва дигарон саҷъро асосан бамавқеву моҳирона истифода кардаанд. Саҷъ ва ҷумлаи санъатҳои бадеӣ дар осори адибони пешқадами замони гузашта ва баъзе нависандагони имрӯза барои равшанбаёнии фикр, таъсирнокии сухан ба кор рафтаанд.

Аммо дар замони гузашта бисёр адибону муаррихони муғлакгӯ калимаву ибораҳои мураккабу мутантан воситаҳои душворфаҳми тасвирро бо камоли рағбат ба кор мебурданд. Аз ҳамин сабаб бисёр асарҳо, алалхусус осори таърихӣ масалан, асарҳои Ҷувайнӣ, Хондамир ва ғайра) дастрас набуданд.

Мувофиқати шаклу мундариҷа аз унсурҳои намоёни таълимоти марксистӣ буда, онро адибони советӣ ва ҷумлаи нависандагони пешқадами дунё риоя мекунанд.

Аз он рӯзе, ки адабиёту санъат комилан ба манфиати халқи меҳнаткаш нигаронида шуд, яъне, баъди ғалабаи Револютсияи Октябр мубориза бо муқобили ҷараёнҳои адабии иртиҷоӣ ва шаклпарастӣ шадидтар гашт ва асосҳои ноустувори онон аз ҳам гусехтанд.

Нависандаҳои советии тоҷик - устод Садриддин Айнӣ, Раҳим Ҷалил, Ҷалол Икромӣ, Сотим Улуғзода ва дигарон анъанаҳои хуби намояндагони барҷастаи адабиёти классикиамонро давом дода, воситаҳои гуногуни тасвири бадеиро дар асарҳои худ бамавриду босазо кор мефармоянд.

**Раҳим МУСУЛМОНҚУЛОВ**